**ПРОТОКОЛИ №17**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 029

26 октябри соли 2022 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 феврали соли 2022, таҳти № 38, тасдиқ шудааст, иштирок карданд 12 - нафар, аз инҳо 5 - нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласа кушода шавад, Пешниҳоди дигар ҳаст? Нест. Якдилона қабул мегардад.

**РӮЗНОМА:**

Ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи Данаева Камола Холматовна дар мавзуи: «Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои иҷтимоӣ–фарҳангии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар шароити муосир» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- фалсафаи иҷтимоӣ.

**Баромад карданд:** Раиси комиссияи ташхис, доктори илмҳои фалсафа, профессор Солиҷонов Р. ва аъзои комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор Муминов А.И. ва доктори илмҳои фалсафа. профессор Ҷононов С. (Хулосаи комиссияи экспертӣ пешниҳод мешавад).

Аъзои Шуро, профессор Ахмедов С. баромад карда, пешниҳод намуд, ки дар номи диссертатсия калимаи “тоҷикистонӣ” ба калимаи “Тоҷикистон” иваз карда шавад. Пешниҳоди мазкур аз ҷониби аъзоёни Шуро якдилона қабул карда шуд. Дар натиҷа, номи диссертатсия аз «Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои иҷтимоӣ–фарҳангии ҷомеаи тоҷикистонӣ дар шароити муосир» ба «Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои иҷтимоӣ–фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон дар шароити муосир» иваз карда шуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Данаева Камола Холматовна дар мавзуи: «Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои иҷтимоӣ–фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон дар

шароити муосир» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11-фалсафаи иҷтимоӣ барои ҳимоя қабул карда шавад;

2. Ба ҳайси муқарризони расмии диссертатсия мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич – доктори илмҳои фалсафа, профессор, муовини директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А.М. Баҳоваддинови АМИТ
- Миров Фируз Сафаралиевич – номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи сотсиологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъйин карда шавад;

4. Ба сифати мутахассисони риштаи илм доир ба диссертатсия нафарони зерин тасдиқ карда шаванд:

- доктори илмҳои фалсафа Ҷононов С.
- доктори илмҳои фалсафа Солиҷонов Р.
- доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И.
- доктори илмҳои фалсафа Маҳмадизода Н.Д.
- доктори илмҳои фалсафа Музаффарӣ М.

5. Барори чопи автореферат иҷозат дода шавад;

6. Рӯзи ҳимоя 29 декабри соли 2022 муайян карда шавад.

Қарор якдилона қабул гардид.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Маҳмадизода Н.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа** **Худойдодзода Ф.Б.**